# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович «Имкониятҳои дидактикии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

Дар замони муосир барои давлати демократӣ, ки ба пешрафт ва рушду такомули давлат кӯшиш дорад, муҳим аст, ки пеш аз ҳама одамон ба шароити душвор ва тағйирёбанда мутобиқ карда шаванд ва тавонанд худро дар он бишносанд. Дар айни замон масъулияти ҳар як шахс роҷеъ ба сарнавишти худ дар аҳамияти иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсии он хеле афзоиш ёфтааст.

Вазъияти муосир, ки дар он ташаккули ҷавонон ҷараён дорад, бо мураккабӣ ва номуайянии хос тавсиф мешавад, ки ба як қатор сабабҳои шартӣ вобастагӣ дорад. Ин ҳолат бознигарӣ ва асосноккунии илмии мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои соҳаҳои гуногуни таълимро дар муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунад.Ҳолати мазкур бознигарӣ ва асосноккунии илмии мундариҷа, шаклҳо ва усулҳоро дар соҳаҳои гуногуни таълим дар миён гузоштааст.

Муаллифи диссертатсия Давлатов Давлат Амриддинович бо дараҷаи баланди омодагии касбӣ тавсиф мешавад, ки ба ӯ имкон дод, ки бомуваффақият унвонҷӯи номзади илмҳои педагогӣ шавад. Дар давраи кор бо диссертатсия дар ӯ шавқи ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки истифодаи имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионӣ пайдо шуд. Ҳамзамон асоси таҳсилот, ки ӯ дар зинаи бакалавриат ва магистратура

соҳиб шуд, дар давраи таҳқиқоти ӯ пойгоҳи бакувватеро фароҳам овард.

Ҳангоми омодасозии диссертатсия Давлатов Давлат Амриддинович унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба ҳисоб рафта, имкониятҳои педагогиро ҷиҳати рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таҳқиқ менамуд. Ҳамаи ин сабаб шуд, ки мавзӯи таҳкикот бо рушди эҷодкории донишҷӯён ва имкониятҳои педагогие, ки ба он фароҳам омадааст, алоқаманд бошад.

Дар рафти кор аз рӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ худро чун муҳаққиқи дилсӯз ба кор ва мустақил нишон дод, ки ҳама талаботҳои роҳбари илмиро саривақт иҷро менамуд ва инчунин сифатҳои мутахассиси баландихтисосро дар самти таҳқиқоти худ нишон дод.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки Давлатов Д.А. ба дараҷаи кофӣ усулҳои таҳлили илмиро аз худ намуда, қобилияти мустақилона гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо бо истифодаи маводҳои васеи илмӣ бо такя ба пойгоҳи пуркуввати назариявӣ ва амалӣ, нишон дод.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти илмии худ ӯ як қатор мақолаҳоро, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии иқтибосоварии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА ФР, инчунин дигар маҷаллаҳои илмӣ интишор намудааст. Мақолаҳои Давлатов Д.А. дар мавзӯи имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз тарафи олимони намоёни самти педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон писандида шуданд.

Бо нуктаҳои дар боло зикршуда, чунин меҳисобам, ки кори диссертатсионӣ кори пурра ҷамъбаст шудаи илмӣ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона ба дараҷаи баланди илмӣ-назариявӣ омода шудааст.

Муаллиф худро чун корманди илмии соҳибмаълумот ва эҷодкор нишон дод. Дар давраи иҷрои кор ӯ ба таҷрибаи бои худ ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент такя намуд. Умуман Давлатов Давлат Амриддиновичро чун корманди илмии омода шудаи соҳиби қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳои таҳқиқотии назариявӣ ва озмоишӣ, ки лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад, ҳисобидан мумкин аст.

Диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод мешавад, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ тавсия мешавад.

Роҳбари илмӣ: Файзиев Исматилло Давлатович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назарияи физика ва методикаи таълими он МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи ак. Б.Ғафуров ба номи академик Б. Ғафуров”.

**Маълумот барои тамос:** 735700.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1).Тел.92-8212070.

*Имзои И.Д.Файзиевро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*